«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав,
доктори илмҳои биологӣ, профессор
_____________ Давлатзода С.Х.
«____» _____________ 2021.

# ТАҚРИЗИ

ташкилоти тақриздиҳанда ба кори диссертатсионии Олимов Дилшод Абдулхайрович дар мавзӯи “Танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир дар шароити иқтисоди бозорӣ (дар асоси маводҳои комплекси агросаноатии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ).

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот.** Рушди босуръати ҷомеаи ҷаҳонӣ дар роҳи тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ дар роҳи таъмини самаранокии истеҳсолот ва талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқваорӣ дар шароити имрӯза бо афзоиши нақши давлат дар идора, танзим, банақшагирии хоҷагии миллӣ ва таъмини инкишофи мутавозуни зермаҷмӯи истеҳсолоти моддӣ ифода меёбад. Ин, дар навбати аввал, ба он қисми соҳаҳое, ки бевосита ва ё бавосита аҳолиро бо хӯрокворӣ таъмин мекунанд, дахл дорад.

Тибқи маълумотҳои омори расмии давлатӣ соли 2019- истеъмоли воқеии гӯшт ва маҳсулоти гуштӣ ба як нафар аҳолӣ 17,4 кг, шир ва маҳсулоти ширӣ 86,7 кг-ро ташкил додааст, ки ин аз меъёри физиологии муқаррааргардида мутаносибан 57,1 ва 28,6% кам аст. Ҳамин тавр, дар маҷмӯи хароҷоти хариди маҳсулоти истеъмолии хонаводагӣ, ҳиссаи хароҷоти нон ва маҳсулоти нонӣ- 29,5%, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ- 17,2%, шир ва махсулоти ширӣ -4,1%-ро ташкил медиҳад. Ин, асосан, ба тағйиротҳои доираи ислоҳоти иқтисодиёти мамлакат, иқтидори кадрӣ, босуботӣ ва самаранокии таъмин ва истифодаи захираҳои моддию истеҳсолӣ, махсусан, саршумор ва маҳсулнокии чорво алоқаманд буда,

зарурати вусъат бахшидан ба таҳқиқоти илмӣ, таҳлили ҳолат ва муайян кардани дурнамои рушди бахши аграриро талаб мекунад.

Зермаҷмӯи маҳсулоти гӯшту шир ҳамчун самти муҳимми рушди хоҷагии қишлоқ аз нуқтаи назари бехатарии озуқаворӣ ва стратегӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Ҳамазамон дар сохтори маҷмӯи агросаноатии минтақаҳо аз ҳама бештар дорои мушкилот мебошад. Мушкилоти коҳиши саршумори чорвои калон ва истеҳсоли маҳсулоти гӯшту шир аз ашёи хоми чорводорӣ, махсусан, дар самти аввал тафриқаҳои нархгузорӣ дар тағйирёбии алоқаи байнисоҳавӣ ва афзоиши нархҳои истеъмолӣ барои маҳсулоти хӯроквории гӯшту шир, маблағгузории соҳаи чарвои гӯштӣ ва ширдеҳ, норасоии сатҳи худтаъминкунии маҳсулоти гӯшту шир ҳал нашудаанд. Чунин ҳолат зарурати таҳқиқ ва омӯзиши махсусро талаб мекунад ва муҳиммияти интихоби мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро муайян кардааст.

**Ҳадафи таҳқиқот.** Ҳадафи таҳқиқот аз омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методии танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи маҳсулоти гӯшту шир, таҳия ва асосноккунии пешниҳодҳои амалӣ ва нишондодҳо оид ба такмилдиҳӣ ва фарогирии онҳо бо низоми зарурии таносуб ва тавозунҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ иборат мебошад.

**Объекти таҳқиқот**. Ба сифати объекти таҳқиқот шакл ва механизмҳои танзими давлатии таносуби рушди зермаҷмӯи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти гӯшту шир дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ интихоб карда шудааст.

**Мавзӯи таҳқиқот.** Маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ ва равандҳои низоми асосноккунии зарурати танзими давлатӣ ва истеҳсолоти зермаҷмӯи гӯшту шир, ҳамчунин рушди мутавозуни он дар шароити иқтисоди бозорӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, равишҳои стратегӣ, чораҳои мувофиқгардонии давраи гузариш ва арзёбии дурнамои наздиктарин дар ин самт ба ҳисоб меравад.

**Масълаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадафи мазкур, дар кори диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

- омӯхтан ва ҷамъбаст кардани ақидаи олимон оид ба раванди банизомдарории дастовардҳои мавҷудаи асосҳои назариявии мафҳумҳои «банақшагирӣ», «танзими давлатӣ», мазмуни танзими давлатии хоҷагии қишлоқ, «мутавозун» ва дараҷаи рушди он, асосноккунӣ раванди танзимкунии давлат дар зермаҷмӯи гӯшту шир;

- муайян, намудани механизми ташаккули дастгирии танзими давлатӣ дар иқтисоди аграрӣ;

- таҳияи равишҳои методӣ барои таҳлил ва пешгӯии сатҳи мутавозунӣ дар зермаҷмӯи маҳсулоти гӯшту шир;

- таҳияи модели консептуалии танзими давлатии иқтисод ва рушди мутавозуни дастгирии соҳаи гӯшту шир;

- баҳодиҳӣ ва гузаронидани таҳлил, таҳияи пешниҳодҳо оид ба ҳолат ва тамоюли рушди мутавозуни зермаҷмӯи маҳсулоти гӯшту шир дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ. Муайян намудани фарқиятҳои асосӣ ва масъалаҳои ҳалталаб дар занҷираи такрористеҳсолкунӣ, ки зарурати дахолати давлатро ба миён меорад;

- ҷамъбасткунонии таҷриба ва арзёби самаранокии танзими давлатии рушди зермаҷмӯи маҳсулоти гӯшту шир, ошкорнамоии зиддиятҳо дар механизми он;

- асосноккунии пешниҳодҳо оид ба такмили низоми танзими давлатии рушди мутавозуни зермаҷмӯи маҳсулоти гӯшту шир дар сатҳи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ.

**Усулҳои таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои диалектикии танзими давлатии рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шири ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, методҳои таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, усулҳои илмӣ, мантиқӣ, баҳогузорӣ ва таҳлили муқоисавӣ истифода гардидаанд.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Давраи иҷрои кори диссертатсионӣ солҳои 2014-2021-ро дар бар мегирад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот**. Навгониҳои илмии таҳқиқот аз асосноккунии назариявӣ ва методологии коркарди амалии пешниҳодҳои омӯзиши роҳҳои танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир дар шароити иқтисоди бозорӣ иборат буда, дар раванди омӯзиш ва таҳқиқот натиҷаҳои зерин ба даст оварда шудаанд:

- ҷиҳатҳои назариявӣ ва методологии мафҳумҳои танзими давлатӣ, банақшагирии иқтисодиёт, рушди мутавозун ва нақши онҳо дар таъмини рушди устувори кишоварзӣ ва амнияти озуқаворechии мамлакат асоснок карда шудаанд;

- ҷанбаҳои назариявию методологии муайян кардани нақши давлат дар танзими истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти гӯшту шир дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ коркард карда шудааст;

- низоми нишондиҳандаҳои сатҳи дастгирии давлатии соҳа, таснифоти механизмҳои танзими давлатӣ дар соҳаи чорвои гӯштию ширӣ ва аниқ гардонидани самт ва шаклҳои танзими зермаҷмӯи гӯшту шир, васеъ ба роҳ мондани таҷрибаи корхонаҳои ватанию хориҷӣ, имкониятҳои истифодаи онҳо дар хоҷагиҳои чорводории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ муайян карда шудааст;

- вазъи банақшагирии мутаносибии рушди мутавозуни зермаҷмӯи истеҳсоли маҳсулоти гӯшту ши рва дастгирии давлатии он дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳлил ва баҳогузорӣ карда шудааст;

- усулҳо ва омилҳои рушд ва таҳлили механизми банақшагирии дастгирии давлатӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ муайян карда шудааст;

- модели танзими давлатии истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулот, муқаррар кардани роҳҳои таъмини самараноки танзими

давлатӣ дар зермаҷмӯи гӯшту шири ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот**. Дар диссертатсияи мазкур асоснок ва аниқ кардани ҷиҳатҳои назариявии мафҳуми «танзими давлатӣ», «механизми банақшагирӣ» ва мауйян кардани қоидаҳои танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир дар доираи таъмини бехатарии озуқаворӣ бо дарназардошти истифодаи иқтидорҳои табиию захиравии минтақа баррасӣ гардидааст. Онҳо дар раванди таҳияи стратегияи танзими рушди иқтисоди миллӣ ва низоми банақшагирии истеҳсоли коркарди гӯшту шир, барномаҳои мушаххас ва рушди лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба бахши соҳаи чорводорӣ, ҷониби мақоми давлатӣ иборат аст. Таҳқиқоти пешниҳодкардаи муаллиф оид ба қарорҳои амалӣ ва методологӣ аз тарафи мақомоти давлатии марказӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳангоми иҷрои сиёсати давлатии иқтисодӣ оид ба танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ ва диверсификатсияи иқтисодиёти кишоварзӣ қабул гардидаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот аз нигоҳи методология, усулҳои таҳия ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир, мутобиқгардонии қарорҳои идоракунии механизми ташаккули рушди устувори истеҳсол ва коркарди саноатӣ дар зермаҷмӯи гӯшту шир истифода кардан мумкин аст. Методҳои муқарраротӣ ва тавсияҳои методӣ аз ҷониби Вазорати кишоварзӣ, саноат ва технологияи нав, рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (корхонаҳои коркарди маҳсулотҳои гӯшту шир), мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ноҳияҳо дар раванди танзим ва банақшагирии истеҳсол ва коркарди маҳсулоти соҳаи аграрӣ, раванди таълим дар мактаби олӣ ва коллеҷҳои соҳа кишоварзии кишвар истифода кардан мумкин аст.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

- асосҳои назариявии мафҳуми «танзими давлатӣ», «банақшагирии иқтисодиёт», аҳамият ва нақши онҳо дар таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ ва амнияти озуқаворӣи мамлакат ҷамъбаст, асоснок ва муайян карда шудааст;

- ҷиҳатҳои назариявии методологии масъала муайян кардани нақши давлат дар танзими истиеҳсолот ва коркарди саноати маҳсулоти гӯшту шир;

- муайян намудани низоми нишондиҳандаҳои сатҳи дастгирии давлатии соҳа ва таснифи чораҳои танзими давлатӣ дар соҳаи чорводорӣ гӯштию ширӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст;

- коркарди самт ва шаклҳои танзими зермаҷмӯи гӯшту шир дар асоси таҷрибаи ватанию хориҷӣ ва имконияти истифодаи онҳо дар хоҷагиҳои чорвопарварии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;

- таҳлил ва баҳогузории вазъи банақшагирии мутаносиби рушди мутавозуни зермаҷмӯи маҳсулоти гӯшту шир ва дастгирии давлатии зермаҷмӯи гӯшту шир дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;

- таҳияи чорабиниҳо оид ба такмили низоми танзими давлатии истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти гӯшту шир бо дарназардошти рушди мутавозуни иқтисодиёти хоҷагиҳо дар шароити муосибатҳои бозорӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои илмӣ ва амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, семинарҳои илмию амалӣ миёни олимони ҷавон ва унвонҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дигар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ баррасӣ ва этироф шудааст: Конференсияи илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Таъминоти иноватсионии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ» (ш.Душанбе 2018), Конференсияи илмӣ -

амалии байналмилалии онлайн таҳти унвони «Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: Моделҳои муосири самаранокии он». Душанбе, 2021 (05 март), Конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе, 2021 (27 март).

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароту натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 10 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон, нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия илмӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, замима, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Он дар ҳаҷми 198 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст. Дар диссертатсия 27 ҷадвал, 14 расм, 12 замима мураттаб гардидааст.

**Мазмуни кори диссертатсионӣ.**

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯъ асоснок ва сатҳи омӯхта шудани он возеҳу равшан гардидааст. Мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ дар доираи объект ва предмети омӯзиш бо усулҳои мушаххаси таҳқиқот муайян шудаанд. Ҷузъияти навигариҳои илмӣ аз нигоҳи назария ва амалия пешниҳод карда шудааст.

**Боби якум** - «Асосҳои назариявӣ ва методологии танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир» моҳияти иқтисодӣ, мазмуни танзими давлатӣ ва дараҷаи рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту ширро дар бар гирифта, асосҳои назариявии ташаккули танзими давлатии иқтисодиёти аграрӣ дар шароити бозор баён гардидааст. Хусусиятҳои таҷрибаи ҷаҳонии гӯшти шир дар асоси таҷрибаи ватанию хориҷӣ ва имконияти истифодаи онҳо дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳқиқ шудааст.

Ба андешаи муаллиф, танзими давлатии зермаҷмӯи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти гӯшту шир яке аз шаклҳои асосӣ, раванди мураккаби фаъолияти мақсадноки давлатӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти дахлдори қонунгузор, иҷроия ва танзимкунанда намояндагӣ мекунад, тавассути системаи функсияҳо, шаклҳо ва усулҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ва ҳалли муҳимтарини масъалаҳо, шароит фароҳам меоварад.

Бояд ёдовар шуд, ки таъмини самаранокии танзими давлатӣ дар зермаҷмӯи истеҳсол, коркарди гӯшту шир ба низоми аз ҷиҳати илмӣ асосноки банақшагирӣ, махсусан, самтҳои асосии соҳаҳои ин зермаҷмӯъ, зич алоқаманд аст. Дар кори диссертатсионӣ ба масъалаи мазмуни назариявӣ моҳият ва мафҳуми банақшагирӣ аз диди олимони ҷаҳони мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст. Аммо моҳияти илмии он дар шароити диверсификатсияи иқтисоди миллӣ ва рушди муносибатҳои нави бозорӣ пурра таҳқиқ карда нашудааст ва дар ин ҷода ихтилофи назар мавҷуд аст.

Банақшагирии зермаҷмӯи истеҳсол ва коркарди маҳсулотҳои гӯшту шир бошад, ба андешаи диссертант, ин алоқамандии соҳаҳои мувофиқ ва тамоми омилҳои раванди истеҳсолоту коркарди маҳсулотҳо, суръат бахшидан ба афзоиши арзиши маҷмӯи маҳсулот, даромаднокии зерсоҳаҳо, таъмини мувозинати захираҳои табиӣ-моддӣ, технологӣ ва молиявӣ, иқтидорҳои кадрӣ ва истифодаи оқилона ва самараноки маҷмӯи захираҳо ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда мебошад.

Таҳлили масъалаҳои рушди соҳаҳои зермаҷмӯи истеҳсол ва коркарди гӯшту шир нишон дод, ки самаранокии иқтисодии зермаҷмӯи гӯшту шир танҳо ба танзими давлатӣ раванди истеҳсол дар ин соҳа алоқаманд набуда, балки ин раванд ба низоми банақшагирӣ ва

мутавозуни ин захираҳои моддӣ, истеҳсолӣ, кадрӣ, тавозуни истеҳсоли коркарди ашё ва маҳсулоти тайёр дар ин соҳа вобаста аст.

Диссертант қайд менамояд, ки таҷрибаи мамлакатҳои Венгрия, Булғория, Полша, Ҷопон, ИМА ва Голландия оид ба муҳимияти кооператсия дар асоси муҷаҳҳазгардонии воситаҳои истеҳсолот дарак медиҳад ва истифодаи ҷиҳатҳои мусбати он дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад аст (саҳ.54).

**Боби дуюм** - «Ҳолати муосири танзими давлатии зермаҷмӯи гӯшту шири ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ» таҳлили ҳолати муосири рушди зермаҷмӯи гӯшту шир дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар шароити ислоҳоти иқтисоди аграрӣ арзёбӣ гардида, усулҳои банақшагирӣ, мувозинат ва фишангҳои таъсири танзими давлатии он дар рушди комплекси агросаноатӣ таҳқиқ карда шудаанд.

Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки пеш гирифтани роҳҳои муфидгардонии ҷараёни истеҳсолии байни истеҳсолкунандагон ва коркарди гӯшту шири байниминтақавӣ ва таъмини таъсирбахши танзими давлатии рушди мутавозуни зермаҷмӯи маҳсулоти гӯшту шир аз дастгирии давлатии сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ вобастагии зич дорад.

Пеш гирифтани роҳҳои муфидгардонии муносибатҳои истеҳсолӣ, коркард ва тақвият бахшидани низоми танзими давлатӣ шарти муҳими ҳамгироии байни субъектҳои зермаҷмӯи маҳсулоти гӯшту шир мебошад. Ба андешаи диссертант, самаранок ба роҳ мондани ҷараёни истеҳсол ва коркарди гӯшту шири байниминтақавӣ ва таъмини таъсирбахши танзими давлатии рушди мутавозуни зермаҷмӯи маҳсулоти гӯшту шир аз дастгирии давлатии сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ вобастагии зич дорад.

Омӯзиши тамоилҳои рушди истеҳсолоти хоҷагии қишлоқи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар давраи гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ ва

арзёбии он дар натиҷаи шароити нави иқтисодии рушди маҷмӯи хоҷагидории мамлакат, дар пастшавии ҳиссаи хоҷагии қишлоқ дар нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ ифода меёбад (саҳ.67, ҷад. 3 ).

**Боби сеюм** - «Роҳҳои татбиқи афзалиятҳои рушди мутавозун дар низоми танзими давлатии зермаҷмӯи гӯшту шир дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ» равандҳои усулии рушди механизмҳои банақшагирии дастгирии давлатиро дар бар гирифта, пешниҳодҳо оид ба такмили танзими давлатӣ дар сатҳи минтақавӣ бо таҳияи модели консептуалии танзими давлатии рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир таҳқиқ ва асоснок гардидаанд.

Диссертан пешниҳод намудааст, ки сохтори мавҷудаи зермаҷмӯи гӯшту шир дар ниҳояҳои тебои ҷумҳурӣ ва афзункуни талабот, маҳсулоти ин зермаҷмӯ зарурати такмилдодани муносибатҳои иқтисодӣ-хоҷагии байни ин зерсохторҳо ва таҳияи модели рушди ин соҳа талаб мекунад (саҳ.160, расми 13).

Ба омилҳои асосии берунии таъсиррасонанда ба ташаккули низоми танзими давлатӣ, ба фикри муаллиф равандҳои ҷории ҷаҳонишавӣ ва гармшавии ҷаҳони иқлим дохил мешаванд.

Дар диссертатсия асосноккунии аҳамияти назоратӣ дар асоси хароҷоти меъёрӣ, санадҳои меъёрӣ ва пешниҳодҳои ИИТ- соҳавӣ, таҷрибаи хориҷӣ ҳамчунин аҳамиятнокии баладтарин ва камтарин индикаторҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар даҳсолаи охир асоснок карда шудааст.

**Дар хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертант ҷамъбаст гардидааст.

Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёби мегардад:

1. Дар боби якуми диссертатсия таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва методологии танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир дида баромада шудааст. Аммо ба андешаи мо агар онҳоро муаллиф гуруҳбанди карда таҳлил карда нишон медод беҳтар мешуд.
2. Дар саҳифаи 54 зикр шудааст, ки дар Фаронса, Италия, Португалия ва Олмон, ки содиркунандаи асосии шароб ба бозори ҷаҳонӣ мебошанд.... ин ҷумла ба рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир алоқаманди надорад.
3. Дар саҳифаҳои 57, 58, 61 иқтибосҳо нодуруст пешниҳод карда шудааст. Инчунин дар ҷадвалҳои 7,9,21, ки дар саҳифаҳои -79,83,117 диссертатсия пешниҳод карда шудааст, ки дар баъзе аз онҳо фоизҳои ҳисоб карда шуда, шубҳанок ба назар мерасанд. Хуб мешуд, ки ба ҷои баъзе ҷадвалҳо факту рақамҳо дар шакли диаграммаҳо пешниҳод карда мешуд.
4. Дар параграфи 2.1. (саҳ 82) сухан дар бораи истеҳсоли шир меравад (ҷадвали 8), аммо дар ин ҷадвал динамикаи наслгирии ба 100 сар модагов оварда шудааст. Ҳамин тавр дар параграфи 3.1. (саҳ 133) гуфта шудааст, ки расми зерин аз он дарак медиҳад, ки... аммо дар ин параграф расм дида намешавад, хуб мешуд, ки дар кори диссертатсия аз барномаҳои давлатӣ қабул шуда бештар истифода карда мешуд.
5. Дар диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоиву техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ кори диссертатсионии Олимов Дилшод Абдулхайрович дар мавзӯи “Танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту шир дар шароити иқтисоди бозорӣ (дар асоси

маводҳои комплекси агросаноатии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфта дорои хислату мазмуни илмию амалӣ буда, муаллифи он Олимов Д.А. сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. (қарори №1 аз 27 августи соли 2021)

**Раиси ҷаласа,**
Декани факултети гумрук ва
таҳлили иқтисодии Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав,
номзади илмҳои иқтисодӣ Ҳамдамзода Х.А.

**Ташхисгар,**
Мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ
ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав,
номзади илмҳои иқтисодӣ Шодиев Б.С.

**Котиби ҷаласа,**
Муаллими калони кафедраи
таҳлили иқтисодӣ ва аудити
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Абдулаев Б.С.

Имзоҳои Ҳамдамзода Х.А., Шодиев Б.С. ва Абдулаев Б.С.. -ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ. А.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
☏: (+992-3222)24520, 2022253, E-mail:Ktsu78@ mail.ru